«Тасдиқ мекунам»
ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров", доктори илмҳои таърих, профессор Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.

_______________________________

«__» ___________ соли 2020

# ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба рисолаи номзадии Рисолаи номзадии Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи "Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ" барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ,
аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

Таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои муҳими поэтикии осори ғиноӣ аз ҷумлаи муҳимтарин мавзӯоте ба шумор меравад, ки дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон яке аз тамоюлҳои пешқадами адабиётшиносии тоҷикро ба вуҷуд овардааст. Ба назар мерасад, ки дар ин росто давоми солҳои охир таҳқиқоти муайяне ба вуҷуд омада, самтҳои ҷудогонаи мавзӯъ ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Хосатан, сайри таърихии ташаккули жанри қасида, вежагиҳои муҳими ҳунариву мавзӯӣ ва ҷойгоҳи он дар адабиёти тоҷик ва дар умум поэтикаи ин навъи муҳими шеъри тоҷикӣ меҳвари аслии якчанд пажӯҳишоти олимони тоҷикро ба вуҷуд овардааст. Мақоми суханварони қасидасаро, аз ҷумла нақши шоирони ҷудогонаи адабиёти тоҷик дар таҳаввули вежагиҳои ҳунариву мавзӯии ин навъи шеърӣ низ ба шумули муҳимтарин тамоюлҳои таҳқиқотии адабпажӯҳони кишвари мо қарор гирифтааст, ки ҳамагӣ ба рушду нумӯи адабиётшиносии тоҷик омил омадаанд. Рисолаи номзадии Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи "Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ" низ дар шумори ҳамин гуна

таҳқиқоти муҳим қарор гирифтааст, ки ба яке аз муҳимтарин мавзӯоти адабиётшиносӣ, хоса баррасии сохторшиносӣ ва поэтикаи қасоиди яке аз шоирони номвари қасидасарои адабиёти классикии тоҷик Сайфиддини Исфарангӣ бахшида шудааст. Таваҷҷуҳи диссертант ба ин мавзӯъ дар шароити кунунии таърихӣ аз ҳар ҷиҳат муҳим ба назар мерасад, зеро мо ҳамагон огаҳӣ дорем, ки чанд сол қабл бузургдошти ин шоири номвар дар зодгоҳи вай бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлили гардида, дар остонаи ҷашни шоир бори аввал дар Тоҷикистон Девони комили ӯ бо эҳтимоми адабиётшиноси тоҷик Субҳони Аъзамзод рӯи чоп омад.

Рисолаи номзадии Раҳматова Озода аз муқаддима, се боб (ҳафт зербоб), хулоса ва китобнома иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 163 саҳифаи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи рисола диссертант зарурати таҳқиқи мавзӯъ, дараҷаи омӯхта шудани он, мақсад ва вазифаҳои таълифи рисола ва навгониҳои илмиву матлабҳои муҳими барои дифоъ манзуршавандаро баррасӣ ва муқаррар намуда, ба ин тариқ асосҳои назарии тадқиқоти илмии хешро муқаррар ва мушаххас кардааст.

БОБИ АВВАЛИ РИСОЛА "ЗАМОНИ ЗИНДАГӢ ВА ҲАЁТУ ЭҶОДИЁТИ САЙФИ ИСФАРАНГӢ" унвон дошта, матолиби аслиии мавриди тадқиқотии муаллиф дар ду фасл ҷой гирифтаанд. Дар фасли аввали ин боб унвонҷӯ нахуст ба масоили марбут ба замони зиндагонии Сайфиддини Исфарангӣ руҷӯъ намуда, зимнан вазъи сиёсиву адабии давр, мушкилоту муаммоҳои рӯзгори шоирро, ки омил ба муҳоҷирати вай гардидаанд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ диссертант муқаррар намудааст, ки замони зиндагонии адиб, ки ба айёми ҳукумати хоразмшоҳиён ва ҳамлаи муғулон иттифоқ афтодааст, даврони пуртаҳлука, хараҷу мараҷҳои зиёд, танашшуҷи сиёсӣ ва бархурдҳои фикриву мазҳабӣ зиддиятҳои дохили дарборӣ буда, он ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири манфӣ расонидааст. Дар

натиҷа, чунонки муҳаққиқ менависад, “Зиддиятҳои дохили дарбор ба пешрафти ҳаёти иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ такони азими манфӣ расонд. ин ҳолат давлатро ба дараҷае овард, ки ҳатто бекигариҳо аз итоат намудан ба ҳукумати хоразмшоҳ саркашӣ менамуданд. садрҳо то ҷое фаъолияти манфиатҷӯёнаи худро идома медоданд”. (саҳ. 18)

Бар ҳамин шева, диссертант вазъи куллии Хуросону Мовароуннаҳрро дар ин айём ба риштаи таҳқиқ кашида, самараҳои таъсири онро ба вазъи ҷомеа, аз ҷумла адабиёти асри мазкур мушаххасу муқаррар сохта, таъсири манфии онро ба ҳаёти шоир таъкид намудааст.

Фасли дувуми боби мазкур “Ҳаёту эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ” ном гирифта, дар он диссертант бар асоси мурур ба сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, хоса тазкираҳо зиндагиномаи шоирро шарҳу тафсир додааст. Нависандаи рисола пеш аз ҳама ба маълумоти “Тазкират -уш -шуаро” -и Давлатшоҳи Самарқандӣ такя намуда, иттилои онро ба ҳукми яке аз аввалин сарчашмаҳои марбут ба шарҳи ҳоли адиб истифода кардааст. Бар пояи ин маълумоти мушаххасу муҳим дар ин фасли рисола соли таваллуд, зодгоҳ, камолоти эҷодӣ ва дигар нукоти марбут ба зиндагиномаи адиб мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Зимнан, бар асоси маълумоти дар тазкираҳои “Оташкадаи Озар”, “Ҳафт иқлим”, “Наштари ишқ”, “Миръот ул хаёл”, ки ба андешаи диссертант ҳарчанд ҷузъианд, сабки суханварри шоирро баррасӣ ва муқаррар намуда, андешаҳои ин гурӯҳи тазкиранависонро дар меҳвари таҳлилҳои хеш қарор додааст. Баробари ин, дар мавридҳои зарурӣ баъзе аз мулоҳизоти худро дар робита ба таъкидҳои муаллифони тазкираҳо роҷеъ сабки муғлақ дар бархе қасоиди шоир ва заминаву сабабҳои зуҳури он баён доштааст.

Дар фасли дувуми ин боб асосан шоир ба масъалаи эҷодиёти шоир дахл намуда, таъкид доштааст, ки дар фарқият ба дигар ҳамасарони хеш Сайфиддини Исфарангӣ баробари таълифи асарҳои манзум, ба нигориши

осори мансур низ икдом намудааст, ки ин нукта дар сарчашма ва пажӯҳишҳои анҷомшуда ёд гардидааст. Ҳарчанд то кунун аз осори мансури шоир мо намунаҳо дар даст надорем ва танҳо аз мавҷудияти як нусхаи хаттӣ аз таълифоти насрии вай хабар аст, аммо диссертант ин андешаҳо бар асоси ашъори шоир тасбит намудааст, ки дар он борҳо бар "дар назму наср лашкари иқбол" рондани шоир таъкид шудааст. Мавзӯи мавҷудияти осори насрии шоир дар ин фасли рисола амиқан баррасӣ шуда, бар асоси он диссертант хулоса кардааст, ки "Бо он ки Зубайда Сиддиқӣ роҷеъ ба аз байн рафтани тамоми осори насрии Сайфиддини Исфарангӣ сухан мекунад, аммо дар яке аз маҷмӯаҳои мақолоти "Ёдномаи Рашиди Айвазӣ" мақоле аз пажӯҳишгар ва корманди китобхонаи Маҷлиси Шӯрои исломии Эрон ба нашр расид, ки "Рисолае навёфта аз Сайфиддини Испарангӣ" унвон дошта, дар он дар хусуси мавҷудияти чандин аз нусхаҳои хаттии осори мансури шоир, аз ҷумла "Тахбир- ул- калом" дар китобхонаи Пешовар дар таркиби як ҷунги мазҳабӣ ва "Анвор- ур- равза ва асрор-ул-байза" дар маҷмӯае дар китобхонаи Осафияи Истамбули Туркия таҳти шумораи 2052 сухан рафтааст, ки ин амр ба кашфи нусхаҳои хаттие аз мероси мансури суханвар таъкид меварзанд". (Саҳ. 39)

Дар идома диссертант роҷеъ ба Девони Сайфи Исфарангӣ, микдори абёт, анвоъи ашъори таркиби он, нусхаҳои хаттии мавҷуд дар китобхонаҳои олам ва арзишу аҳамияти девони таҳсеҳнамудаи муҳаққиқи покистони Зубайда Сиддиқӣ ва нашри ахири дар Тоҷикистон анҷомёфта, ки дар асоси ҳамин нашри покистонӣ сурат гирифтааст, мулоҳизаҳои хешро баён доштааст. Ба таври алоҳида, роҷеъ ба ҳамаи намунаҳои ашъори таркиби Девон, аз ҷумла, қасида, қитъа, ғазал, рубоӣ ва таркиббанду тарҷеъбанд ва шумора умумии абёти ин анвоъи ашъор маълумот додааст, ки ин шеваи баррасии ӯ аз аҳамияти шоёни илмӣ бархурдор аст.

Боби дувуми рисола "Сохт ва муҳтавои қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ" унвон дошта, баррасиҳои илмии диссертант дар ду фасл ва чаҳор зерфасл сурат гирифтааст. Диссертант қабл аз он ки масъалаи асосии марбут ба меҳварҳои аслии ин фаслро ба риштаи таҳқиқ кашад, ручуе ба сайри таърихии қасида намуда, нукоте оид ба тадқиқи ин жанр дар адабиётшиносии тоҷик баён доштааст. Масъалаи сохторшиносии қасоиди Сайфи Исфарангӣ дар рисола мутобиқ бар усули қофиясозӣ, матлаъ, ташбиб ё насиб, гурез, мақтаъ , мадҳу дуо мавриди тадқиқ қарор гирифта, намунаҳое аз он таҳлилу баррасӣ ёфтаанд. Ба сурати ҷадвал таркиби Девони Сайфи Исфарангӣ бо зикри шумораи абёти қасоиди шоир ва теъдоди онҳо муқаррар шудааст, ки ин баҳс низ аз аҳамияти муҳими илмӣ бархурдор аст. Баъдан авзони қасоиди шоир низ таҳқиқ шудаанд.

Дар идомаи баррасиҳо хеш диссертант масъалаи мамдуҳони шоирро ба миён гузошта, муқаррар сохтааст, ки онҳо дар умум 80 нафарро ба вуҷуд овардаанд. Шеваҳои мадҳи мамдуҳон ва нақши мадҳ дар қасоиди шоир низ аз ҷумлаи баҳсҳои куллие мебошанд, ки дар ин фасли рисола таҳқиқ шудаанд. Баробари ин, дар ин фасли рисола масъалаҳои марбут ба мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори шоир, аз ҷумла афкори иҷтимоӣ дар қасоиди шоир ба таври муфассал баррасӣ гардиданд.

Боби савуми диссертатсия "Мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар қасоиди Сайфи Исфарангӣ" унвон дошта, дар фасли аввали он нахуст, масъалаҳои марбут ба шеъру шоирӣ аз нигоҳи Сайфи Исфарангӣ ва афкори адабӣ-танқидии ӯ баррасӣ шудаанд. Таҳқиқи дар ин замина анҷомдодаи муҳаққиқ маълум намудааст, ки дар қасоиди хеш дар баробари дигар мулоҳизаҳо шоир афкори адабӣ танқидии хешро низ баён дошта, назари хешро роҷеъ ба шеъру шоирӣ мушаххас сохтааст. Нахуст, дидгоҳҳои Сайфи Исфарангиро аз тариқи назарҳои вай роҷеъ ба шоирони барҷастаи қасидасаро, аз ҷумла Анварӣ, Хоқонӣ ва дигарон

муқаррар намудааст. Дар ин замина, дар навбати аввал афкори адабӣ танқидии вай зуҳур карданд, ки диссертант онҳоро бар асоси муқоисаи қасоиди шоирони қасидасаро ва афзалият додан ба каломи суханварони мавриди эътирофи вай дақиқ сохтааст. Ифтихорияҳои шоир низ барои муайян кардани баъзе аз андешаҳои суханвар дар мавриди шеъру шоирӣ ва мақоми шоир имконият фароҳам овардаанд.

Дар идомаи баррасиҳои илмии диссертант таҳқиқи шеваҳои мазмунсозӣ ва корбурди саноеи бадеӣ дар қасоиди Сайфи Исфарангӣ ҷараён гирифтааст. Нахуст, ӯ барои муқаррар сохтани шеваҳои муҳими мазмунсозӣ ва равишҳои истифодаи санъати талмеҳ руҷӯъ намуда, усулҳои маъниофарӣ тавассути номи ашхоси асотириву қаҳрамонӣ ва таърихӣ, диниву мазҳабӣ, аҷроми самовӣ ва монанди инро муқаррар ва ҳар яке аз бо зикри мисолҳои мушаххас баррасӣ кардааст. Ҳамзамон, ҷойгоҳи бахше аз санъатҳои бадеӣ дар мазмунофариниҳои шоиронаи қасоиди Сайфи Исфарангӣ низ мавриди таваҷҷуҳи диссертант қарор гирифтааст, ки ин баррасиҳо ба таҳқиқи бобарори меҳварҳои аслии рисола таъкид меварзанд.

Дар хулосаи рисола натиҷаҳои аслии илмии ба дастовардаи диссертант зикр гардиданд, ки ҳосили пажӯҳишҳои анҷомдодаро дар 12 банд шарҳу тафсир мекунанд. Хулосаҳои аз ҳар бобу фаслҳои диссертатсия баровардани диссентант аз натиҷагириҳои илмии ӯ дарак медиҳанд, ки ҳамагӣ муназзам, мураттаб ва мушаххас баён шудаанд.

Дар умум, диссертатсияи номзадии Раҳматова Озодахон дар мавзӯи “Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ” тадқиқоти арзишманди илмӣ буда, бар асоси истифодаи сарчашмаҳои муҳими адабиву илмӣ, нусхаҳои хаттиву чопии осори шоир, корбурди равишҳои навини илмӣ ба қалам омадааст. Огоҳӣ аз маноеи арзишманди адабиву илмї ва мутолеаи фарохи диссертант барояш имконият додааст, ки як тадқиқоти муҳими илмиро дар заминаи таҳқиқи қасоиди Сайфи Исфарангӣ ба вуҷуд оварад.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ дар рисола бархе камбудиву норасоиҳои низ ба чашм мерасанд, ки рафъи онҳо ба салоҳи кори диссертант буда, ҷиҳати афзудани бештари арзиши илмиву амалии он омил мегардад.

1) Рисола "Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ" унвон гирифтааст. Агар диссертант номи диссертатсияро танҳо "Поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ" ҳам мегузошт, ба муҳтавои он мутобиқат менамуд.
2) Қисмати дараҷаи омӯхташавии мавзӯъ ҳарчанд таҳлилу баррасии тадқиқоти зиёдеро фаро гирифтааст, аммо ба назар мерасад, ки он боз ҳам такмил мехоҳад.
3) Дар оғози боби дувуми диссертатсия диссертант ба масъалаи таҳқиқу баррасии жанри қасида дар адабиётшиносии тоҷик ва ишороти адабпажӯҳон ба вежагиҳои қасоиди руҷуъ кардааст. Беҳтар мебуд, ки ин бахши кутоҳи аввали боби мазкур ба қисмати дараҷаи омӯхташавии муқаддима интиқол дода шавад.
4) Ба назари мо, агар диссертант боби савуми рисоларо ба ҷои "Мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар қасоиди Сайфи Исфарангӣ" "Поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ" унвон мениҳод, мувофиқи максад мебуд.
5) Дар диссертатсия ҷо – ҷо ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори диссертант аст.

Албатта, ин камбудиву нуқсонҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиш ва аҳамияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва дар умум рисолаи номзадии Раҳматова Озодахон дар мавзӯи мавзӯи "Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ" ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

Рисола ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар маҷлиси кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров санаи 7-уми августи соли 2020, қарори №1 бо иштироки диссертант Раҳматова Озодахон муҳокима ва тасдиқ гардид.

Иштирок доштанд:12 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор-11 нафар, зид-0 нафар, бетараф- 1 нафар.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ӯрунова М .

Эксперт, номзади илмҳои филологӣ, Азизов С.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ Бобоева М.

Имзои Ӯрунова М.,
Азизов С. ва Бобоева М.-ро
тасдиқ менамоям,

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Ашрапова З.Н.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: +992927388887
E – mail: ddhkadr@mail.ru